АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (992 37) 2211249, 2248981, 2240274
Веб-сайт: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info@ahd.tj

№ 03-362 аз «18» 03 соли 2016

Ба №____________ аз «____» ____________ соли 20__

Вазорату идораҳо, мақомоти
иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
(тибқи рӯйхат)

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия карда, мутобиқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои мувофиқа ба Шумо пешниҳод менамояд.

Замима: лоиҳаи фармоиш, Низомнома ва асосноккунии он дар 5 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ Ҷ. Давлатов

**Лоиҳаи**

# ФАРМОИШИ
# ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
# НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «____» ____________ соли 2016 **№** шаҳри Душанбе

Дар бораи таъсиси маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи касбии масъулини сохторҳои кадрии мақомоти давлатӣ, татбиқи самараноки технологияҳои кадрӣ, пайваста огоҳ шудан аз дигаргуниҳои соҳаи хизмати давлатӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами коргузорӣ дар сохторҳои кадрии мақомоти давлатӣ мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ шудааст, ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Маҳфили сохторҳои кадрии (минбаъд – маҳфили хадамоти кадрии) мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.
2. Низомномаи маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фаъолияти самараноки маҳфили хадамоти кадрӣ тадбирҳо андешанд.
4. Ба роҳбарони мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсия дода шавад, ки барои таъмини иштироки масъулони хадамоти кадрӣ дар кори маҳфили хадамоти кадрии мазкур мусоидат намоянд.
5. Ташкил ва баргузор намудани кори маҳфили хадамоти кадрӣ барои хадамоти кадрии мақомоти давлатии марказӣ ҳар моҳ як маротиба ва барои масъулини хадамоти кадрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар се моҳ як маротиба бо мусоидати Агентии хизмати давлатӣ ба роҳ монда шавад.

6. Ба шуъбаи идоракунии захираҳои инсонии Агентии хизмати давлатӣ супориш дода шавад, ки дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи машваратҳои маҳфили хадамоти кадриро ҳамасола барои соли минбаъда то моҳи декабр таҳия ва ҷиҳати тасдиқ ба директори Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намояд.

7. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

8. Ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти маҳфили хадамоти кадрии мазкур ба зиммаи шуъбаи идоракунии захираҳои инсонии Агентии хизмати давлатӣ вогузор карда шавад.

Директори Агентӣ Ҷ. Давлатов

Асосноккунии
лоиҳаи фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаи мазкур аз тарафи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 4.5 Нақшаи кори Агентии хизмати давлатӣ барои нимсолаи якуми соли 2016, ки бо қарори ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2016, №3 тасдиқ гардидааст, дар асоси моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ шудааст, бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи касбии масъулини сохторҳои кадрии мақомоти давлатӣ, татбиқи самараноки технологияҳои кадрӣ, пайваста огоҳ шудан аз дигаргуниҳои соҳаи хизмати давлатӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами коргузорӣ дар сохторҳои кадрии мақомоти давлатӣ таҳия гардидааст.

Лоиҳа дар шакли хаттӣ ба баррасии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда мешавад ва ҳамзамон он барои муҳокимаи дигар мақомоти давлатӣ, хизматчиёни давлативу ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимону мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи хизмати давлатӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ бо нишонии www.ahd.tj ҷой дода мешавад.

Баъди ба тавсиб расидани фармоиши мазкур, он ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Лоиҳаи пешниҳодгардида ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва қоидаҳои имлои забони давлатӣ мувофиқ мебошад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Лоиҳа**

Бо фармоиши директори
Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» _______ соли 2016, №___
тасдиқ шудааст

**Низомномаи**
**маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди**
**Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Низомнома) мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, тартиби таъсис ва фаъолияти маҳфили хадамоти кадриро муайян менамояд.

2. Маҳфили хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар назди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- маҳфили хадамоти кадрӣ) шакли баҳамоии масъулини воҳидҳои сохтории кадрии мақомоти давлатӣ буда, дар намуди суҳбату машварат, семинару мизҳои мудаввар дар Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Агентии хизмати давлатӣ) ё дар маҳалҳо барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида мешавад.

3. Мақсади асосии ташкили маҳфили хадамоти кадрӣ аз тақвият бахшидани сатҳи касбии масъулини хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ, татбиқи самараноки технологияҳои кадрӣ, пайваста огоҳ шудан аз дигаргуниҳои соҳаи хизмати давлатӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами коргузорӣ дар хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ иборат мебошад.

4. Маҳфили хадамоти кадрӣ барои хизматчиёни давлатии низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ пешбинӣ мешавад.

## 2. Тартиби ташкили маҳфили хадамоти кадрӣ ва гузаронидани чорабиниҳои он

5. Маҳфили хадамоти кадрӣ доимоамалкунанда буда, барои хадамоти кадрии мақомоти давлатии марказӣ ҳар моҳ як маротиба ва барои хадамоти кадрии мақомоти давлатии маҳаллӣ дар се моҳ як

маротиба дар вақти корӣ дар доираи ду соати таълимӣ (90 дақиқа) гузаронида мешавад.

6. Ҳамоҳангсозии фаъолияти маҳфили хадамоти кадриро шуъбаи идоракунии захираҳои инсонии Агентии хизмати давлатӣ амалӣ намуда, аз ҳисоби иштирокчиён роҳбари маҳфили хадамоти кадрӣ, муовини ӯ ва котиби маҳфили хадамоти кадрӣ интихоб карда мешаванд.

7. Иштироки масъулини хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар кори маҳфили хадамоти кадрӣ ҳатмӣ мебошад.

8. Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонии Агентии хизмати давлатӣ моҳи декабри ҳар сол нақшаи машваратҳои маҳфили хадамоти кадриро барои соли оянда бо нишон додани мавзӯи машғулиятҳо, санаи баргузорӣ ва масъулини иҷро тартиб дода, барои тасдиқ ба директори Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод менамояд.

9. Агентии хизмати давлатӣ ҳангоми зарурат бо мувофиқаи иштирокчиёни маҳфили хадамоти кадрӣ метавонад ба нақшаи машваратҳои маҳфили хадамоти кадрӣ тағйирот ворид намояд.

## 3. Муқаррароти хотимавӣ

10. Агентии хизмати давлатӣ вобаста ба ташкил ва фаъолияти маҳфили хадамоти кадрӣ:

- ҷиҳати самаранок фаъолият намудани маҳфили хадамоти кадрӣ бо Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ менамояд;
- фаъолияти маҳфили хадамоти кадриро ҳамоҳанг, назорат ва роҳандозӣ менамояд;
- нақшаи машваратҳои маҳфили хадамоти кадриро ба мақомоти давлатӣ ирсол менамояд;
- раванди иштироки масъулини хадамоти кадриро дар маҳфили хадамоти кадрӣ ба қайд мегирад;
- омӯзгорон, олимон ва мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи хизмати давлатиро ба кори маҳфил ҷалб мекунад.

11. Мақомоти давлатӣ барои самаранок фаъолият намудани маҳфили хадамоти кадрии мазкур мусоидат карда, иштироки масъулини хадамоти кадриро дар кори маҳфил таъмин менамоянд.